# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна дар мавзуи «Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» (таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021301) – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)**

Омӯзишу таҳқиқи фонди паремиологияи забонҳои гуногунсохтору гуногуннизом яке аз масъалаҳои муҳими забоншиносии фраҳангиву қавмӣ ба шумор меравад, зеро фарҳанг, тамаддун, хислату рафтор ва расму оини ин ё он халқу миллат маҳз дар зарбулмасалу мақолҳо бозтоб мегарданд.

Диссертатсияи Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна дар мавзуи «Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» (таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ) аз муқаддима, се боб, 14 фасл, 14 зерфасл ва хулосаву феҳристи адабиёт иборат аст. Дар муқаддимаи диссертатсия сухан дар бораи мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши кор, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, методи таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия, аҳамияти назариявии таҳқиқ, моҳияти амалии таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва методологияи таҳқиқ, нуктаҳои муҳими диссертатсия, коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ ва сохтори диссертатсия меравад.

Дар боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявии таҳқиқоти муқоисавии зарбулмасалу мақолҳо дар илми забоншиносӣ» масъалаҳои фарқияти зарбулмасал аз мақол аз назари забоншиносон ва фолклоршиносон ва зарбулмасалу мақолҳо ҳамчун сарчашмаи маълумот доир ба фаҳмишу дарки ҷаҳони халқҳои забононашон бехат мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Боби мазкур аз матолиби муқадимавӣ оғоз шуда, дар он муаллиф андешаҳои худро роҷеъ ба мавқеи зарбулмасалу мақолҳо дар рӯзгори инсон баён намуда, таъкид бар он мекунад, ки «нахустин зарбулмасалҳо аллакай дар матнҳои солномаҳо, инчунин дар

саҳифаҳои катибаҳои қадима вохӯрда, ҷамъоварӣ, таснифот ва таҳқиқи илмии онҳо ба давраҳои нисбатан дертар тааллуқ дорад» (саҳ. 17).

Пасон, муаллиф ба масъалаи зарбулмасалу мақол ҳамчун мавзуи асосии таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ даст зада, нахуст фикру андешаҳояшро роҷеъ ба ҷойгоҳи забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ дар илми забоншиносӣ ва дараҷаи пажуҳиши ҷанбаҳои зикршударо аз ҷониби забоншиносони ватаниву хориҷӣ бо таҳлили амиқи илмӣ баён мекунад. Агар аз як тараф, шеваи таҳлилу тарзу услуби нигориши масъала дар рисола донишмандонаву олимона бозтоб гардида бошад, аз тарафи дигар, назару муқобалаи нуктаҳои таълифоти ба мавзу бахшидашуда, ки онро муаллиф дақиқу мушаххас ба риштаи таҳқиқ мекашад, хонандаро бо таърихи омӯзиши мавзуъ дар забоншиносии муқоисавӣ ошно месозад.

Масъалаи тафовути зарбулмасал аз мақол аз диду назари забоншиносону фолклоршиносон дар фасли дуюми боби мазкур таҳлил мегардад. Ба андешаи муаллифи диссертатсия хусусияти гуногунмаъноии зарбулмасал дар забоншиносӣ дар асрҳои XIX-XX манша мегирад (саҳ. 28-29). Муаллиф дар таҳқиқи масъалаи зикршуда на танҳо ба андешаҳои забоншиносони ватанӣ, балки ба дараҷаи омӯзиш ва назару хулосаҳои донишмандони хориҷӣ низ такя намуда, тафовуту монандӣ ва шабоҳати мақолро аз зарбулмасал бо як сабку шеваи баёни илмӣ таҳлилу баррасӣ намудааст ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки муҳаққиқ аз он таҳаввулоте, ки дар илми забоншиносии солҳои охир ба вуқуъ омадааст, воқиф аст.

Қолабҳои сохториву маъноии зарбулмасалу мақолҳо дар фасли дуюм таҳлил гардида, дар кадом шакл омадани онҳоро дар раванди нутқ муайяну мушаххас менамояд. Масъалаи ба сифати муродиф дарҷ ёфтани зарбулмасалу мақол дар вожаномаҳои англисӣ дар шакли «proverb» низ дар фасли ёдваршуда нигошта мешавад.

Боби дуюми диссертатсия «Вижагиҳои маъноии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» унвон дорад. Инъикоси арзишҳои ахлоқии мардумони забонҳояшон муқоисашаванда

дар зарбулмасалу мақолҳо дар фасли якум мавриди таҳқиқи илмӣ қарор мегирад.

Илова бар ин, зарбулмасалу мақолҳои забонҳои таҳқиқшаванда аз нигоҳи мавзуъ ба хушбинӣ, дурустгорӣ, ватандӯстӣ ва ватанпарастӣ, худдорӣ, хотирбинӣ ва боодобӣ, фанду фиреб, дурӯғгӯӣ, берахмӣ, худпарастиву худхоҳӣ, бетарбиятӣ, мумсикӣ, некӣ ва накукорӣ гурӯҳбандӣ мешаванд. Яке аз фаслҳои боби мазкур ба муносибат ба зан дар зарбулмасалу мақолҳои вахонӣ ва англисӣ бахшида шудааст, ки дар он муаллиф зарбулмасалу мақоле, ки ба зану шавҳар ва муносибати байни онҳо марбут аст, муфассал таҳлил ва тасниф намудааст.

Дар боби сеюм «Вижагиҳои миллию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои вахонӣ бо унсурҳои зоонимӣ ва соматикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» хусусиятҳои семантикии зарбулмасалу мақолҳо бо ҷузъҳои ҳайвонот ва парандаҳо дар забонҳои муқоисашаванда мавриди таҳлили амиқи илмӣ қарор мегирад.

Фаслу зерфаслҳои боби мазкур моро бо зарбулмасалу мақолҳо бо ҷузъи саг, гурба, асп, гов, гуспанд, гург, хук, моҳӣ, мурғ, рӯбоҳ ошно месозад.

Ҳар як боби диссертатсия бо хулосаҳои мушаххаси муҳаққиқ ба итмом расидаанд ва ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки проблемаҳои илмии дар диссертатсия матраҳгардида ҳалли худро пурра ёфтаанд. Дар хулосаи умумӣ бошад муаллиф натиҷаҳои таҳқиқоти худро ҷамъбаст кардааст, ки аз аҳамияти назарӣ ва амалӣ холӣ нест.

Диссертатсияи илмии Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна дар асоси меъёрҳои нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзу усули иқтибос, таҳияи бобу фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт тибқи талаботи меъёрҳои нави таҳияи корҳои илмию таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Тамоми мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф мӯҳтавои диссертатсияро инъикос менамояд. Диссертатсияи мазкур барои хондани курси «Типологияи муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», «Луғатшиносӣ», «Фразеологияи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», «Забоншиносии шинохтӣ» мусоидат менамояд.

Дар баробари дастовардҳои муҳими илмӣ диссертатсия аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест:

1. Дар бисёр саҳифаҳои диссертатсия андешаву назари муаллиф такрор омадаанд (саҳ. 11, 42,…..).

2. Дар баъзе аз саҳифаҳои диссертатсия (17, 19, 38….) ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ба чашм мерасад.

Дар маҷмуъ, камбудиҳои ишорашуда ба аҳамияти илмии таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро онҳо ислоҳпазиранд ва ба асонӣ баратарф хоҳанд шуд.

Диссертатсияи Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна дар мавзуи «Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» (таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ) ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 -уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021301) - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Муқарриз, доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забоншиносӣ
ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович

Имзои Ҷаматов Самиддин Салоҳиддиновичро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, н.и.ҳ., дотсент
Назаров Давлатхон Қурбономуродович

21. 04. 2022 с.